# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сардори давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ. – Душанбе, 2025. – 384 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия пурра ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамияти мавзуи диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар он зоҳир меёбад, ки дар марҳалаи кунунии рушди муносибатҳои ҷаҳонӣ ва тағйирёбии низоми сиёсӣ, масъалаи таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва такмили механизми амалии ҳокимияти давлатӣ аз муҳимтарин масъалаҳои илмӣ ва амалӣ ба шумор меравад. Дар шароите, ки ҷаҳонишавӣ, рақобати шадиди геополитикӣ ва пайдоиши шаклҳои нави ҳамкорӣ ва муқовимати сиёсӣ вусъат меёбанд, таҳлили мазмуну моҳият, сохтор ва механизмҳои амалии низоми ҳокимияти президентӣ аҳамияти афзоянда касб менамояд.

Таҳқиқи илмии низоми ниҳоди президентӣ, махсусан дар кишварҳои минтақа, имкон медиҳад, ки хусусиятҳои миллӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии ташаккули ин навъи ҳокимият муайян гарданд. Дар заминаи муқоисаи моделҳои гуногуни ниҳоди президентӣ метавон роҳҳои самараноки таъмини тавозуни байни шохаҳои ҳокимият, пешгирии мутамарказшавии аз ҳад зиёди ваколатҳои сиёсӣ ва таҳкими асосҳои давлатдории демократиро муайян намуд.

Илова бар ин, таҷрибаи кишварҳои минтақа нишон медиҳад, ки модели президентӣ дар шароити мухталифи сиёсӣ ва иҷтимоӣ дорои хусусиятҳои хоси

миллист, ки омӯхтани онҳо барои рушди минбаъдаи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аҳамияти назаррас дорад. Аз ин ҷост, ки омӯзиши назариявӣ ва амалӣ-қонунгузории ниҳоди президентӣ ва арзёбии таҷрибаи татбиқи он дар давлатҳои минтақа барои такмили низоми ҳокимияти давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии сиёсӣ дар кишвар аҳаммияти илмию амалии бузург дорад.

Дар таҳқиқоти мазкур кӯшиш ба он равона шудааст, ки хусусиятҳои сохторӣ ва функсионалии ниҳоди президентӣ дар давлатҳои гуногуни минтақа мавриди омӯзиши муқоисавӣ қарор гирифта, ҷанбаҳои умумӣ ва фарққунандаи онҳо муайян карда шаванд. Ин раванд имкон медиҳад, ки моделҳои гуногуни президентӣ аз нуқтаи назари самаранокии идоракунии давлатӣ, таъмини суботи сиёсӣ ва тавозуни ҳокимият арзёбӣ гарданд.

Мавзуи мазкур на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки арзиши амалӣ низ дорад, зеро таҳлили таҷрибаи давлатҳои дорои низоми президентӣ ба такмил додани заминаҳои ҳуқуқии идоракунии давлатӣ ва таҳкими институтҳои демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Илова бар ин, мавзуи таҳқиқот дар заминаи хатарҳо ва таҳдидҳои нави байналмилалӣ ва минтақавӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Равандҳои муосири ҷаҳонӣ, аз қабили густариши ҷаҳонишавӣ, афзоиши рақобати геополитикӣ, зуҳури шаклҳои нави экстремизм ва терроризм, коҳиши сатҳи худшиносии миллӣ, инчунин мушкилоти афзояндаи экологӣ, ба мисоли бӯҳрони баҳри Арал ва раванди босуръати обшавии пиряххо на танҳо сохтори амнияти миллӣ, балки устувории низоми ҳокимияти давлатиро дар сатҳи Осиёи Марказӣ низ таҳти таъсир қарор медиҳанд.

Дар чунин шароити мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ накши ниҳоди президентӣ ҳамчун кафили суботи сиёсӣ, ташаккулдиҳандаи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, ҳамчунин таъминкунандаи амнияти миллӣ ва иқтисодии кишвар тақвият меёбад. Президент, ҳамчун сарвари давлат ва рамзи ваҳдати миллӣ, бояд тавонад дар байни манфиатҳои дохилӣ ва беруна тавозуни

устувор барқарор намояд, ки ин худ яке аз омилҳои калидии пойдории давлатдорӣ ва рушди устувори ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, омӯзиши илмии нақши конститутсионии Президент дар низоми ҳокимияти давлатӣ на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки арзиши амалӣ низ дорад, зеро он имкон медиҳад роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳокимияти олӣ, тақвияти пояҳои ҳуқуқии давлатдорӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити тағйирёбандаи ҷаҳони муосир муайян гарданд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаи гуногуншаклии навъҳои ҳокимияти президентӣ ва омӯзиши таҷрибаи давлатҳои минтақа барои рушди илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва татбиқи таҷрибаи беҳтарин дар низоми идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия вав нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дорои дараҷаи баландии нававарии илмӣ буда, саҳми назаррас дар рушди назария ва методологияи ҳуқуқи конститутсионӣ мегузорад. Дар таҳқиқи мазкур муаллиф ба таҳлил ва такмил додани асосҳои назариявию амалии падидаҳои ҳокимияти давлатӣ, бахусус ниҳоди сарвари давлат, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Навгонии илмии кори мазкур пеш аз ҳама дар пешниҳоди консепсияи нави таҳқиқи низомноки ниҳоди сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ зоҳир мегардад, ки дар илми ҳуқуқи конститутсионии минтақавӣ то ба имрӯз ба таври мустақил мавриди баррасӣ қарор нагирифта буд. Муаллиф минтақаи Осиёи Марказиро ҳамчун воҳиди таҳлилӣ ва объекти мустақили омӯзиш муайян намуда, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи ташаккули иниҳоди президентиро дар ин кишварҳо бо диди муқоисавӣ таҳлил кардааст.

Дар ҷараёни таҳқиқ, марҳилаҳои ташаккули ниҳоди сарвари давлат дар се давраи таърихӣ: тошуравӣ, шуравӣ ва пасошуравӣ муайян ва бо такя ба сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, таърихӣ ва сиёсӣ асоснок гардидаанд. Муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва низомнокӣ, таснифи нави ваколатҳои

президент вобаста ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти давлатӣ, аз ҷумла сиёсати дохилӣ, сиёсати хориҷӣ, амният, иқтисод, қонунэҷодкунӣ ва идоракунии давлатӣ пешниҳод кардааст.

Ҷанбаи муҳимми дигари навоварии илмии диссертатсия дар таҳлили ҳуқуқии санадҳои президентӣ ифода меёбад. Муаллиф паёмҳо, фармонҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии сарвари давлатро мавриди таҳқиқи муфассал қарор дода, зарурати иерархиякунонии онҳо дар низоми манбаъҳои ҳуқуқро асоснок намудааст. Ин пешниҳод дорои аҳаммияти амалӣ буда, барои ташаккули як низоми муназзами ҳуқуқии танзими фаъолияти сарвари давлат ва мутобиқсозии он бо принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд замина фароҳам меорад.

Илова бар ин, муаллиф бо диди нав назарияи иштироки сарвари давлат дар раванди қонунэҷодкунӣ ва нақши ӯро дар механизми боздорӣ ва мувозинати ҳокимиятҳо таҳлил намудааст. Ӯ нишон медиҳад, ки иштироки фаъолонаи Президент дар раванди қонунэҷодӣ на танҳо унсури идоракунии сиёсӣ, балки воситаи таъмин намудани мутаносибии манфиатҳои давлат ва ҷомеа мебошад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои бадастомада дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд барои такмили қонунгузории миллӣ, такмили сохтори низоми ҳокимияти давлатӣ ва гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ истифода шаванд. Ин таҳқиқ ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ мусоидат намуда, заминаи илмӣ барои таҳияи моделҳои муосири идоракунии сиёсӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ фароҳам меорад.

**Асоснокӣ ва ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсияи Сулаймонзода Манучехр Субҳоналӣ дорои дараҷаи баланди асоснокӣ ва эътимоднокии илмӣ мебошанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ ба риояи қатъии принсипҳои таҳлили илмӣ ва ба коргирии усулҳои муосири тадқиқотӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, бо ин васила эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои илмиро таъмин намудааст.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертатсионӣ бар пояи заминаи васеи назариявӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия гардида, дар асоси таҳлили қонунгузории

амалкунандаи кишварҳои минтақа, таҷрибаи судҳои конститутсионӣ, инчунин муқаррароти санадҳои байналмилалӣ асоснок шудаанд. Муаллиф дар раванди таҳқиқ маҷмӯи усулҳои илмии таҳлил – аз ҷумла, усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихию ҳуқуқӣ, расмию ҳуқуқӣ ва таҳлили низомӣ-сохториро ба таври мукаммал истифода бурдааст, ки ин ба таври муассир имкон додааст равандҳои ташаккули институтҳои президентӣ, хусусиятҳои амалии онҳо ва таъсири онҳо ба низоми ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи илмӣ арзёбӣ шаванд.

Барои таҳкими натиҷаҳои таҳқиқ, муаллиф ба манбаъҳои муътамади илмӣ ва таҷрибаи ҳуқуқии воқеии давлатҳои Осиёи Марказӣ такя намудааст. Аз ҷумла, қонунҳои асосӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қарорҳои судҳои конститутсионӣ ва таҳқиқоти илмии муосир ҳамчун сарчашмаҳои боэътимод истифода шудаанд. Бо ин роҳ, хулосаҳои илмӣ на танҳо дорои арзиши назариявӣ, балки бо далелҳои воқеӣ ва таҳлилҳои муфассали ҳуқуқӣ асоснок шудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф дорои аҳамияти амалӣ ва татбиқшаванда буда, метавонанд дар раванди қонунэҷодкунӣ, такмили низоми конститутсионӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ дар соҳаи ислоҳоти идоракунии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ самаранок истифода шаванд.

Дар маҷмуъ, дараҷаи баланди асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ мавқеи илмии кори диссертатсиониро ҳамчун таҳқиқоти мукаммал ва боарзиш дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ тақвият мебахшад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва феҳристи нашрияҳои муаллиф иборат буда, ҳаҷмаш 384 саҳифаро ташкил медиҳад. Дар муқаддима аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъала, объект ва предмети таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳо, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада ба таври возеҳ муайян гардидаанд.

Боби якум «Заминаҳои назариявии пайдоиш ва инкишофи ниҳоди сарвари давлат» ба таҳлили мафҳум, навъҳо ва хусусиятҳои ин ниҳод бахшида шуда, марҳилаҳои ташаккули таърихӣ ва ҳуқуқии он дар давлатдории хориҷӣ ва кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин боб ҳамчунин тамоюлҳои муосири рушди ниҳоди сарвари давлат нишон дода шудаанд.

Аз ҷумла, муаллиф дар натиҷаи баррасии фикру андешаҳои олимони гуногун ба хулосае омадааст, ки мафҳумҳои «ниҳоди сарвари давлат (президент)» ва «вазъи ҳуқуқии сарвари давлат (президент)» ҳаммазмун набуда, маънӣ ва таркиби гуногун доранд.

Ниҳоди сарвари давлатро метавон ҳамчун маҷмуи меъёрҳои мустақили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ баррасӣ намуд, ки муносибатҳои якхелаи ҷамъиятиро, вобаста ба ташаккул ва фаъолияти сарвари давлат ҳамчун мақоми ҳокимияти давлатӣ алоқамандро танзим мекунанд.

Дар навбати худ, вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат маҷмӯи меъёрҳои дар конститутсия ва қонунгузорӣ муқарраршудае мебошад, ки тартиби амалӣ намудани фаъолияти сарвари давлатро танзим намуда, татбиқи вазифаҳо ва салоҳияти онро ифода менамояд.

Боби дуввум «Хусусияти умумии вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат» мафҳум, унсурҳо ва ҷойгоҳи сарвари давлатро дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар кишварҳои минтақа таҳлил мекунад.

Ба андешаи муаллиф, ҳамаи унсурҳои вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии президентҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ низомеро ташкил медиҳанд, ки ба он хусусияти ягонагӣ хос аст. Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии Президент вазъи ҳуқуқии инфиродӣ ва сохтори низомнок мебошад, ки моҳияти он дар мавқеи ғайримустақими сиёсӣ-ҳуқуқии Президент дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ татбиқи функсияҳо ва ваколатҳо мебошад, ки аз сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия будани ӯ бармеояд.

Боби сеюм «Тартиби баргузории интихоботи сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ» ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ бахшида шуда, асосҳои конститутсионии интихобот, мақоми номзадҳо ва тартиби ташкиливу ҳуқуқии баргузории интихобот мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтааст.

Муаллиф хулоса менамояд, ки раванди баргузории интихоботи сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар қонунгузории интихоботии кишварҳо ба таври кофӣ муфассал танзим шудааст. Дар баробари ин бояд қайд кард, ки онҳо ҳам шабоҳатҳои умумӣ ва ҳам тафоввути назаррасеро нишон медиҳанд, ки воқеияти сиёсиву ҳуқуқии ин давлатҳоро инъикос мекунанд.

Боби чорум «Мафҳум ва хусусиятҳои муқоисавӣ-ҳуқуқии функсия ва ваколати сарвари давлат» дорои аҳаммияти назариявӣ буда, функсияҳои асосӣ ва таснифи ваколатҳои сарвари давлатро бо истифодаи усули қиёсӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ менамояд.

Муаллиф мавқеъҳои муҳаққиқонро ҷамъбаст намуда, ба хулосае меояд, ки нисбат ба сарварони давлатҳои Осиёи Марказӣ вазифаҳои умумии (намояндагӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ) ва махсуси (кафолатӣ ва иҷроия)-и сарвари давлатро ҷудо кардан мумкин аст.

Ҳар як функсияи сарвари давлат тавассути гурӯҳи муайяни ваколатҳо амалӣ карда мешавад. Ҳамин тавр, функсияи намояндагӣ аз чор гурӯҳи ваколатҳо иборат аст: дипломатӣ, кадрӣ, маросимӣ ва ҳакамӣ. Функсияи ҳуқуқэҷодкунӣ бо ёрии чунин ваколатҳо, ба монанди қонунэҷодккунӣ ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ амалӣ карда мешавад. Функсияи иҷроия аз ваколатҳо, ба монанди таъсисӣ ва ташкилкунандагӣ иборат аст. Дар мавриди функсияи кафолатӣ, «он пеш аз ҳама тавассути ваколатҳо дар соҳаи мудофиа, дар соҳаи рафъи ҳолатҳои фавқулодда, дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва дар соҳаи фаъолияти муътадили дастгоҳи давлатӣ амалӣ карда мешавад».

Боби панҷум «Табиати ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва мақоми санадҳои сарвари давлат дар низоми қонунгузории кишварҳои Осиёи Марказӣ» ба

омӯзиши паёмҳо, фармонҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат равона гардида, табиати ҳуқуқии онҳо ва мақоми иштирокии сарвари давлат дар раванди қонунгузорӣ таҳлил шудааст.

Дар боби мазкур муаллиф нақши муҳимми санадҳои Президент дар кишварҳои Осиёи Марказиро қайд намоем. Тавассути санадҳои худ сарони давлатҳо дар Осиёи Марказӣ мушкилоти мубрами хусусияти сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоии давлатҳоро ҳал менамоянд. Санадҳои Президент дар солҳои аввали истиқлоли давлатҳо, вақте ки асосҳои устувори парламентаризм ҳанӯз ташаккул наёфта буданд, нақши муҳим бозиданд. Аз ин рӯ, дар як муддати муайян дар як қатор давлатҳои минтақа шаклҳои гуногуни қонунгузории ваколатдор амал мекарданд. Бо рушди падидаҳои парламентаризм аз ин таҷриба дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дур шудан гирифтанд ва санадҳои сарони давлат ба фишанги фаъолияти маъмурию идоракунии давлат табдил ёфтанд.

Санадҳои Президент санади конститутсионӣ, сиёсӣ-идеологӣ, пешгӯикунанда ва барномавӣ буда, иҷрои он хусусияти ҳатмӣ дошта, тавассути он сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ваколати худро амалӣ намуда, самтҳои фаъолияти худро муайян менамоянд

Дар хулоса, натиҷаҳои асосии илмӣ ҷамъбаст гардида, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд. Хулоса аз 22 банд иборат буда, ҳар як банд дар худ натиҷаи мустақими таҳқиқро инъикос мекунад.

Ҳамин тавр, сохтори диссертатсия мантиқӣ, муназзам ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад, ки ин далели сатҳи баланди иҷрои кори илмӣ ва иҷрои пурраи вазифаҳои гузошташуда мебошад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Аҳаммияти назариявӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия аз муҳимияти мавзуи таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои амалии бадастомада бармеояд.

Аз ҷиҳати илмӣ, таҳқиқ бо таҳияи консепсияи илмии ниҳоди сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба рушди назарияи ҳуқуқи

конститутсионӣ саҳми назаррас мегузорад. Ин консепсия фаҳмиши амиқтари асосҳои назариявӣ ва хусусиятҳои ҳуқуқии фаъолияти сарвари давлатро фароҳам оварда, ба пешгӯии тамоюлҳои минбаъдаи таҳаввули ин ниҳод дар заминаи таҳаввулоти сиёсӣ ва ҳуқуқии минтақа мусоидат менамояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ дониши илмиро дар бораи мақом, нақш ва ваколатҳои сарвари давлат ғанӣ гардонида, барои таҳияи тавсияҳо оид ба такмили низоми ҳуқуқӣ ва ислоҳоти конститутсионӣ заминаи устувор фароҳам меоранд.

Аз ҷиҳати амалӣ, муқаррароти асосии диссертатсия метавонанд барои такмили қонунгузорӣ, дақиқсозии категорияҳои ҳуқуқӣ ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба ислоҳоти конститутсионӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои бадастомада хислати амалӣ дошта, метавонанд дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва қонунэҷодкунӣ, инчунин дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи муқоисавии конститутсионӣ ва ниҳоди президентӣ татбиқ гарданд.

Аз ҷиҳати иқтисодӣ, таҳқиқ ба такмили низоми идоракунии давлатӣ мусоидат намуда, бо баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ, коҳиши хароҷоти маъмурӣ ва густариши шаффофият дар қабули қарорҳо таъсири мусбат мерасонад.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, натиҷаҳои диссертатсия ба таҳкими давлатдории ҳуқуқбунёд, таҳаввули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва боло рафтани сатҳи эътимоди шаҳрвандон ба институтҳои давлатӣ мусоидат мекунанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муаллиф дар ҷараёни фаъолияти илмии худ зиёда аз 48 маводи илмиро, ки мустақиман ба мавзуи диссертатсия вобаста мебошанд, таҳия ва ба нашр расонидааст. Аз шумораи умумии ин мавод се монография ба таҳлили амиқи назариявию амалии масъалаҳои марбут ба ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ва махсусан ниҳоди сарвари давлат бахшида шуда, дорои арзиши баланди илмӣ ва амалии назаррас мебошанд. Илова бар ин, муаллиф зиёда аз 45 мақолаи илмиро дар маҷаллаҳои илмӣ ва ҷамъомадҳои байналмилалӣ нашр намудааст, ки аз онҳо 20 мақола дар

маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шудаанд.

Маводҳои илмии чопшудаи муаллиф мавзуъҳои гуногуни марбут ба низоми ҳокимияти давлатӣ, институтҳои конститутсионӣ, моделҳои президентӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва масъалаҳои такмили механизмҳои идоракунии сиёсиро дар бар мегиранд.

Шумораи маводи илмии чопшуда пурра ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Ин мутобиқат далели риояи пурраи муаллиф ба меъёрҳои амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, собит месозад, ки фаъолияти илмӣ ва нашриёти ӯ ба сатҳи муқаррарнамудаи давлатӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Мутбиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсия аз рӯи шакл ва муҳтаво ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Рисола аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия гардида, дорои мазмун, сохтор ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад.

Сатҳи баланди навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшуда, инчунин шумораи кофии мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро дар иҷрои таҳқиқ тасдиқ менамоянд. Истинодҳо, рӯйхати адабиёт ва нашрияҳо мутобиқи меъёрҳои илмӣ ва талаботи техникии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб ва имлӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар зербоби дуввуми боби дуввум, ки таҳти унвони «Сарвари давлат дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ» пешниҳод гардидааст, мавзуи муҳими таҳқиқ, яъне ҷойгоҳи сарвари давлат дар сохтори ҳокимияти давлатӣ матраҳ шудааст. Бидуни шак, интихоби чунин мавзуъ дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ буда, бо эҳтиёҷоти илми муосири ҳуқуқи конститутсионӣ комилан мувофиқ мебошад. Бо вуҷуди ин, дар ҷараёни омӯзиши матни зербоб мушоҳида мегардад, ки дар баъзе мавридҳо таҳлили муқоисавии низомҳои ҳокимиятдории кишварҳои минтақа (Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Туркманистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон) ба таври кофӣ амиқ ва муфассал инъикос наёфтааст.

Аз ҷумла, дар таҳлили мақоми сарвари давлат дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, фарқиятҳо ва умумиятҳои меъёрии конститутсионӣ миёни моделҳои ҳокимиятдории кишварҳои зикршуда ба таври пурра ва возеҳ нишон дода нашудаанд. Ҳамчунин, масъалаҳои марбут ба маҳдудиятҳои конститутсионӣ дар фаъолияти сарвари давлат, механизмҳои мувозинати байни шохаҳои ҳокимият, инчунин нақши падидаҳои демократӣ дар таъмини тавозуни низоми сиёсӣ, дар матн ҷойгоҳи кофӣ пайдо накардаанд.

Ин омил метавонад ба дақиқӣ ва пуррагии таҳлили муқоисавӣ таъсир расонад, зеро дар таҳқиқоти ҳуқуқи конститутсионӣ арзёбии низомҳои ҳокимиятдории давлатҳо бе дарназардошти маҳдудиятҳои конститутсионӣ ва падидаҳои демократӣ метавонад ба хулосаҳои якҷониба бирасонад. Барои пуррагардонии таҳлил, ба мақсад мувофиқ мебуд, агар муаллиф таҳлили муфассали принсипҳои «боздорӣ ва мувозинат», «таҷзияи ҳокимият» ва «масъулияти сиёсӣ ва ҳуқуқии сарвари давлат»-ро дар кишварҳои мавриди таҳқиқ бо мисолҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ва таҷрибаи амалии онҳо тақвият медод.

Бо дарназардошти ин нукта, тавсия дода мешавад, ки дар таҳқиқоти минбаъда муқоисаи сохтори конститутсионии мақоми сарвари давлат дар ҳар як кишвари минтақа бо истифодаи ҷадвал ё нақшаи муқоисавӣ анҷом дода шавад, то фарқиятҳо ва умумиятҳо равшантар ифода ёбанд. Ин амал на танҳо таҳқиқро пурмуҳтаво мегардонад, балки арзиши илмии таҳлили муқоисавиро низ боло мебарад.

2. Бо вуҷуди он ки зербоби аввали боби чорум дорои таҳлили муфассали назариявӣ оид ба моҳият ва таснифи функсияҳои сарвари давлат мебошад, баррасии амиқи матн нишон медиҳад, ки як қатор паҳлуҳои муҳимми мавзуъ ниёз ба таҳқиқи ҷиддитар ва мукаммалтар доранд.

Пеш аз ҳама, бояд таъкид кард, ки гарчанде муаллиф тавонистааст заминаи назариявии функсияҳои сарвари давлатро ба таври умум ташаккул диҳад, принсипи муқоисаи ҳуқуқӣ, ки бояд асоси таҳлили зербоби мазкурро ташкил диҳад, ба таври пурра татбиқ нашудааст. Таҳлили пешниҳодшуда бештар ба таври умумӣ ва бо такя ба назарияҳои муаллифони алоҳидаи соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ анҷом ёфта, дар он таъсири меъёрҳои мушаххаси конститутсионӣ ва қонунгузории ҳар як кишвари минтақаи Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Қирғизистон) ба ташаккул ва татбиқи функсияҳои президент пурра инъикос наёфтааст.

Ин норасоӣ то андозае ба дақиқӣ ва пуррагии таҳлили муқоисавӣ таъсир мерасонад, зеро функсияҳои сарвари давлат дар кишварҳои мазкур на танҳо бо хусусиятҳои умумии институтсионалӣ, балки бо шароити сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва таърихии ҳар як давлат алоқамананд. Бинобар ин, барои баланд бардоштани арзиши илмии таҳқиқ, зарур аст, ки муаллиф функсияҳои сарвари давлатро дар ҳар як кишвар бо истинод ба меъёрҳои мушаххаси конститутсионӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳлил намуда, фарқиятҳо ва умумиятҳои онҳоро бо усули компаративӣ равшан созад. Илова бар ин, дар таҳлили мавҷуда ба масъалаи мутавозинсозии функсияҳои сарвари давлат бо шохаҳои дигари ҳокимияти давлатӣ ва принсипи тақсимоти ҳокимият таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир нашудааст. Маҳз

баррасии ин ҷанбаҳо имкон медиҳад, ки нақши Президент дар низоми боздорӣ ва мувозинат дар доираи давлатҳои минтақа бо дақиқии бештар арзёбӣ гардад.

Зимнан, дар қисматҳои алоҳидаи зербоб такророти андешаҳои назариявӣ ба назар мерасад, ки метавонад таъсири таҳлилро кам кунад. Ба таври мушаххас, баррасии назарияи умумии функсияҳо дар чанд бахш бе иловаи далелҳои амалӣ ва мисолҳои мушаххас аз таҷрибаи давлатҳои минтақа ҷой дорад. Ин ҳолат боис мегардад, ки пайванди назария ва амалия ба таври пурра таъмин нагардад.

3. Гарчанде ки муаллиф кӯшиш намудааст, ки санадҳои ҳуқуқиро аз рӯйи меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ тасниф намояд ва амру қарорҳоро ба таври муфассал тавзеҳ диҳад, аммо дар робита ба фарқияти қувваи ҳуқуқӣ ва дараҷаи зерқонунии онҳо таҳлили ҳуқуқии муътамад бо истинод ба назарияи умумии ҳуқуқ ва принсипи тақсимоти ҳокимият намерасад. Масъалаи контрасигнатура дар фасли дахлдор ҷойгоҳи қобили таваҷҷуҳ пайдо кардааст, вале таҳлили он бештар бо такя ба таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ анҷом дода шудааст. Дар баррасии амалигардонии ин ниҳод дар кишварҳои минтақа, аз ҷумла Қазоқистон ва Ӯзбекистон, ки ҳамчун намунаҳои асосӣ оварда шудаанд, зарур буд таҳлили интиқодӣ ва баррасии оқибатҳои конститутсионӣ ва сиёсӣ дар рисола густариш ёбад.

4. Навъи фармонҳои дорои қувваи қонунӣ, ки ҳамчун падидаи хоси баъзе кишварҳои минтақа зикр шудааст, ниёз ба таҳлили амиқтари ҳуқуқшиносӣ ва таърихӣ дорад. Дар ин замина, зарур аст равшан карда шавад, ки пайдоиш, заминаҳои амалӣ ва маҳдудиятҳои истифодаи чунин санадҳо чӣ гуна ташаккул ёфтаанд ва чӣ ҷойгоҳе дар низоми ҳуқуқии миллӣ доранд.

Аз ин лиҳоз, тавсия дода мешавад, ки фасл бо тавсеаи ҷанбаҳои зерин такмил дода шавад: а) таҳлили возеҳи иерархияи манбаъҳои ҳуқуқ ва муайян намудани ҷойгоҳи санадҳои сарвари давлат дар он; б) фарқгузории дақиқ миёни шаклҳои санадҳои меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ бо истинод ба қонунгузории амалкунанда; в) мустаҳка намудани асоси назариявӣ барои баҳодиҳӣ ба қувваи ҳуқуқии фармонҳо ва амрҳо бо такя ба илми ҳуқуқи умумӣ ва

таҳқиқоти муқоисавӣ; г) таҳлили интиқодӣ ба ниҳоди контрасигнатура ва баррасии мақоми он дар моделҳои конститутсионии кишварҳои минтақа.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ аҳамияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Мудири кафедраи фанҳои ҳуқуқии давлатии Донишгоҳи Байнидалатии таҳсилоти олии (Славянии) Россия ва Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Эльназаров Д.Х.**

**Имзои Эльназаров Д.Х. – ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи Байнидалатии таҳсилоти олии (Славянии) Россия ва Тоҷикистон** **Нуриддинов Х.Х.**

**Суроғаи муқарриз:**
**734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30**
**Тел.: (992) 37 221-35-50, 227-86-48**
**E-mail:rtsu-1996@mail.ru; p.rektora@mail.ru**

04.11.2025